«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А.
________________________
«_09_» __________ 2025с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ба диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Чиллаев Сулаймон Нажмудинович унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Сулаймон Нажмудинович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат менамояд.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович 11-уми декабри соли 1975 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро аз рӯи ихтисоси “Иқтисодчӣ” хатм намудааст.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович соли 15.12.2023 таҳти №92/И-у унвонҷӯи кафедраи “молия”-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гардида, имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст.

Фаъолияти меҳнатиашро солҳои 2000 - 2016 дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои аз мутахассиси дараҷаи 1 то муовини Директори Агентии рушди бозори қоғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсусгардонидашудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст.

Солҳои 2021-2022 дар вазифаи сардори Раёсати истифодабарии оби нушокии деҳоти вилояти Суғд фаъолият намудааст.

Солҳои 2024-2025 ба ҳайси асситетнти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз сентябри соли 2025 то имрӯз дар вазифаи муовини декан оид ба тарбияи факултети молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзӯи диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷалаи №10/5.2 аз 03-юми июни соли 2024 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Умаров Хоҷамаҳмад Умарович таъин гардидааст.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович имтиҳони номзадӣ (минимум)-ро аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло) 26 сентябри соли 2025 дар Донишгоҳи мазкур супоридааст.

Диссертатсия аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкорро аз "05" – и декабри соли 2025, суратҷаласаи №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи "Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

Дар шароити ноустувории вазъи иқтисоди ҷаҳон ва танавӯъи низоми иқтисодҳои миллӣ, муҳимтарин вазифаи бозори молиявӣ бозсозии ҳадаф, механизмҳо ва абзорҳое мебошад, ки метавонанд дар ҷалби захираҳои молиявии худдӣ ва муайяннамои манобеи нави ҳамгироии молиявӣ бо иқтисоди ҷаҳон созгорӣ намоянд. Бар ин асно, масъалаҳои ташкил ва фаъолиятнамоии бозори молиявӣ ва қисматҳои асосии он мубрамияти бештарро пайдо менамояд.

**Мақсади таҳқиқот**ро масъалаҳои назариявӣ ва механизмҳои таъмини рушди ҳамгироии қисматҳои бозори молиявӣ ва коҳиши муаммоҳои марбут ба бозори молиявии кишвар дар шароити рақамикунонӣ ташкил менамоянд. Илова бар он, дар таҳқиқот роҳҳо ва усулҳои густариши бозори молиявӣ ва унсурҳои аслии тақвиятдиҳандаи рушди амалии бозори молиявӣ мавриди коркарду пешниҳод қарор дода шудаанд.

**Вазифаи таҳқиқот** Дар шаклгирии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва баландбардории натиҷаҳои бахши воқеӣ, қобилияти бозори молиявӣ, дар ҷалб ва ҷобаҷогузории сармояи муваққаттан озод нақши ниҳоят муҳимро иҷро менамояд. Яъне, бо истифода аз механизмҳои мухталифи маблағгузорӣ ва сармоягузориҳо ва инчунин дар натиҷаи пешниҳоди хизматҳои наву муосир ба сармоягузорон ва иштирокчиёни касбӣ, бозори молиявӣ метавонад дар густариши ҳама бахшҳои иқтисоди миллӣ нақши назаррас дошта бошад. Бар ин асно, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои дар рисолаи таҳқиқотӣ дарҷ гардида иҷрои вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ифшои масоили марбут ба ташаккулёбии бозори молиявӣ ва дар заминаи он, таҳлили марҳилаҳои ташаккулёбии бозори молиявӣ дар кишвар;

2. Татбиқи таҳлили қисматҳои асосии бозори молиявӣ ошкорнамоии камбудиҳои мавҷуда, коркади механизмҳои ҳамгироии бахши молиявии кишвар бо бахши воқеии иқтисодиёт;

3. Коркард ва пешниҳоди механизмҳои такмили бозори сармоя дар кишвар;

4. Дар заминаи имконоти платформаҳои рақамӣ истифодаи механизмҳо, абзорҳо ва маҳсулотҳои муосири молиявӣ бо мақсади тавсеабахшии бозори молиявӣ ва ҳамзамон, собитнамоии таъсири рақамикунонӣ дар таъмини рушди бозори молиявии миллӣ.

**Объекти таҳқиқотро** таҳлили қисматҳои асосии бозори молиявӣ ва механизмҳои такмили он дар шароити кишвар ташкил менамоянд.

**Предмети таҳқиқотро** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди бозори молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ ташкил менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Таҳқиқоти баанҷом расида, бештар аз ҳама ба масъалаҳои тақвият ва густариши бозори молиявӣ дар кишвар бахшида шудааст. Бо масъалаҳои коҳишдиҳандаи қисматҳои бозори молиявӣ, стратегияи рушди ояндавии бозори молиявӣ мавриди омузиш қарор гирифта, роҳҳои таъсирбахшии он мураттаб гардонида мешавад. Он назароту пешниҳодҳои ироъашуда, метавонанд дар густариши бозори молиявии миллӣ, равнақуривоҷӣ қисматҳои асосии он муосидат намоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснокнамоии назариявии ҳамгироии қисматҳои бозори молиявии кишвар ва дар ин ҷодда густариши равобит бо бахши воқеӣ ҷиҳати таъмини рушди мунтазами иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Натиҷҳаои муҳимтарине, ки муқаррароти аслӣ ва навгонии кори таҳқиқотиро асоснок менамоянд, чунинанд:

1. Ифшои заминаҳои иқтисодӣ-институтсионалии ташаккулёбии бозори молиявӣ бо таваҷҷӯҳ ба хислатҳои ба худ хоси иқтисоди миллӣ ва бо назардошти таҳқиқотҳо ҷиҳати шакллгирии бозорӣ молиявӣ бар асоси омӯзишу баррасии таҷрибаи пешқадами кишварҳои мухталиф барои равнақи бозори миллии молиявӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

2. Ҳолати воқеии қисматҳои бозори молиявӣ бо назардошти камбудиҳои мавҷуда дар самти ҳамгироии бахши молиявӣ бо бахши воқеии иқтисодиёти кишвар ошкор карда шуда, ҳолати бозори молиявии кишвар мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

3. Собит гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши нисбатан рушдёфтаи бозори молиявии кишвар, бахши бонкӣ маҳсуб меёбад. Камбудиҳои ҷой дошта дар самти ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии кишвар ифшо гардида, роҳҳо ва усулоҳои тақвиятбахшии маблағгузории бахши воқеии кишвар мавриди ифшо қарор дода шудаанд.

4. Исбот шудааст, ки агарчӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита тавлидкунандаи мустақими таҷҳизот ва технологияҳои муосир набошад ҳам, бо ин ҳол фурсатҳое вуҷуд дорад, ки бо дар назар гирифтани он метавон рушди бозори молиявиро дар шароити кунунӣ таъмин намуд, барои равнақи ин

раванд бояд дар доираи шароити мавҷуда мутахассисони касбии фарогири масоили коркарду татбиқи барномаҳои компютерии ба самти рақамикунонӣ ва омодасозии зеҳни сунъӣ нигаронидашуда омода карда шаванд.

5. Исбот гардидааст, ки равнақи бозори коғазҳои қиматнок дар кишвар, танҳо бар асосии ҳамгироии он бо биржаҳои рушднамудаи минтақавӣ имконпазир мебошад. Илова бар он, собит гардидааст, ки бетарафии сохторҳои марбутаи давлатӣ боис ба таназзули бозори коғазҳои қимтанок гардидааст. Аз ин хотир, ҷиҳати равнақу густариши ин қисмати бозори молиявӣ механизмҳои дар амал таъсиррасон пешниҳод гардидаанд.

6. Мушаххас гардидааст, ки танҳо дар натиҷаи ҳамгироии қисматҳои асосии бозори молиявии кишвар, метавон маблағгузории бахши воқеии кишваррро таъмин намуд. Зимни амалисозии таҳқиқот муайян гардид, ки сабаби аслии нокифояигии маблағгузориҳо дар кишвар, ба таври қобили таваҷҷӯҳ ва қаноаткунанда ҷалбу тақсим накардани захираҳои пулии қишрҳои мухталфи ҷомеа аз ҷониби муассаҳои молиявӣ-қарзӣ, равобити заиф байни қисматҳои асосии бозори молиявии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама сатҳи пасти боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар дониста мешавад.

7. Собит гардидааст, ки рақамикунонии бозори молиявии кишвар имкон дорад дар таъмини шароит ва фазои муосид, тақвияту густариши бозори молиявӣ ва равнақи механизмҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ созгорӣ намоянд. Ҳамзамон мушаххас гардидааст, дар мавриди истифодаи платформаи рақамӣ, васеъшавии амалиётҳои нави молиявӣ баамал омада, интихоб ва сафарбар намудани имкониятҳои сармоявӣ ва қарзӣ меафзоянд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- марҳилаҳои рушди бозори молиявӣ вобаста ба хусусиятҳои мансуб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, дараҷаи нисбии онҳо асоснок карда шуда, собит гардидааст, ки дигаргунсозии механизмҳои бозори молиявӣ бо назардошти тағйиротҳои назаррас дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, ба васеъшавии хизматрасонии молиявӣ мусоидат хоҳад намуд;
- бо назардошти имконоти мавҷуда, вазъи бозори молиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, раванди ҳамгироии қисматҳои бозори молиявӣ таҳқиқу барррасӣ гардидаанд, иловтан, бо таваҷҷӯҳ ба камбудиҳо ва муаммоҳои дар ин самт ҷой дошта, ҳолати воқеии қисматҳои ҷудогонаи бозори молиявии миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин раванд таъсири бахшҳои алоҳида ба динамикаи соҳаҳои воқеии иқтисодиёт арзёбӣ гардидааст;
- дар робита ба афзунгардонии сатҳи бозори молиявӣ ҷиҳати беҳдошти фазои бозори молиявӣ ба мисоли бахши бонкӣ, пешниҳодҳо барои такмилу вусъатбахшии ин қисмати муҳими бозори молиявӣ коркарду пешниҳод карда шудаанд;
- бо мақсади тақвият бахшидани рушди бозори коғазҳои қимматнок аз қабили бозори суғурта, бозори асъор хулосаҳои муфид пешниҳод карда шуда, таасуроти дигаргуниҳои рақамӣ дар самти пешниҳоди имкониятҳо ва маҳсулотҳои муосир баҳри рушди бозори сармоя ва дар ин замина коҳиши маҳдудиятҳои мансуб ба ҷалби сармоя пешкаш карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот ва баромадҳои муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокkунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Ғайр аз ин, як қатор масъалаҳое, ки тавассути нишондиҳандаҳои алоҳидаи бозори молиявӣ имконпазир мебошанд, таҳлил гардида, натиҷаи онҳо ба воситаи усулҳои оморӣ, экспертӣ ва аналитикӣ таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (2018-2025) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии ба диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо дар Донишгоҳи давлатиии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои “Молия”, “Низоми молиявӣ”, “Моли ва муомилоти пул ва қарз”, “Бозори коғазҳои қиматнок” истифода шуда истодаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба интишороти муаллифӣ ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки аз тарафи унвонҷӯ вобастаба ба мавзӯи илмӣ, маҷмӯан 9 мақолаи илмӣ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои тақризшаванда бо талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва 5 мақола дар рӯзномаву маҷаллаҳои дигар нашр гардидаанд.

Мундариҷаи асосии рисолаи номзадӣ дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Чиллаев С.Н. Марҳилаҳои ташаккуёбии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикстон [Матн] / С.Н. Чиллаев, З. Холиқзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. -№ 3.1. – (31). – С.176 -185.

[2 -М]. Чиллаев С.Н. Мавқеи қисамтҳои бозори молиявӣ дар маблағгузории бахши воқеии иқтисоди кишвар [Матн] / С.Н. Чиллаев / Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. -№ 3.1. – (31). – С.320 -327.

[3 -М]. Чиллаев С.Н. Марҳилаҳои инкишоф ва асосҳои назариявии фаъолияти бозори молиявӣ [Матн] / С.Н. Чиллаев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ. – Бохтар. – 2024. -№1/3 (125). – С. 540-544.

[4 -М]. Чиллаев С.Н. Таъсири омилҳои беруна ба амнияти иқтисодии бонкҳо [Матн] / С.Н. Чиллаев, О.Ҳ. Ҷурахонов // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2024. -№ 4 (43).– С. 317-324.

[5 -М]. Умаров Х.У., Чиллаев С.Н. Такмили низоми бонкӣ ҳамчун қисмати таркибии бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.У. Умаров, С.Н.

Чиллаев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ. – Бохтар. – 2025. - №1/3 (137). - С. 486-492.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6 -М]. Чиллаев С.Н. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳилаҳои ташаккулёбии он [Матн / С.Н. Чиллаев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилал дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ» (ш.Душанбе, 01- апрели соли 2024). – ДДМИТ, Душанбе-2024. - С. 570-579.

[7 -М]. Чиллаев С.Н. Ташаккули рақамикунони бозорҳои молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн / С.Н. Чиллаев, У.М. Воҳидов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷуҳуриявӣ дар мавзӯи «Иқтисоди “Сабз” – заминаи бунёдии рушди устувор» (ш. Хоруғ, 27 апрели соли 2024). ДДХ ба номи М. Назаршоев, Душанбе, 2024. - С. 61-66.

[8 -М]. Чиллаев С.Н. Марҳилаҳои ташаккули бозори коғазҳои қимматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн / С.Н. Чиллаев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷуҳуриявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои ташаккул ва дурнамои рушди бозори коғазҳои қиматнок дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» (ш. Душанбе, 22 феврали соли 2025). ДДМИТ, Душанбе, 2025. - С. 99-104

[9 -М]. Чиллаев С.Н. Хусусиятҳои таркибии бозори молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ [Матн / С.Н. Чиллаев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷуҳуриявӣ дар мавзӯи ««Истифодаи моделҳо ва методҳои иқтисодӣ-математикӣ ва иттилоотӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (ш. Душанбе, 14 июни соли 2025). ДДМИТ, Душанбе, 2025. - С. 84-90.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи муқарризони холис Нурализода Э.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ, Убайдуллозода Ф.У. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи ДДМИТ, Махшулов С.Ҷ. – н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шавад.

3. Қарори ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи №5 аз "05" декабри соли 2025 тасдиқ карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳи ба масъалаи мазкур дар ҷаласаи кафедра 18 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар, Зид нест, Бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молияи ДДМИТ Убайдуллозода Ф.У.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
муаллими калони кафедраи молияи ДДМИТ Зубайдов Ҷ.И.

Дурустии имзоҳои Ф.У. Убайдуллозода ва
Ҷ.И. Зубайдовро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ
"08" 12 соли 2025 Мирҷамолов М.А.

МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН • ОУ «ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ» •
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ